Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 75 (4658) | ҶУМЪА, 9 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ ДАВЛАТИИ АМИРИ ДАВЛАТИ ҚАТАР БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





**Ҳаштуми июни соли 2023 Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сониро гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват карданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ҳар ду давлат анҷом ёфт.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти расмии маросими истиқболи сафарҳои давлатӣ ба ифтихори ташрифи Амири Давлати Қатар аз тӯпхонаҳо 21 маротиба шиллик парронда шуд.

**Баррасии масоили ҳамкории Тоҷикистону Қатар дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо оғоз гардида, дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар идома ёфт.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ва ҳайати ҳамроҳашро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона хайра мақдам гуфтанд.

Зимни мулоқоту музокирот, ки дар фазои дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва эътимод ҷараён гирифт, ҷонибҳо маҷмӯи масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва дурнамои рушду тавсеаи онҳо, таҳкими бештари заминаи ҳуқуқии робитаҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву башариро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷараёни баррасии роҳҳои тақвияти минбаъдаи муколамаи созандаи сиёсии байнидавлатӣ зарурати густариши ҳамкориҳои байнипарлумонӣ ҳамчун заминаи мусоид барои пешбурди ин раванд арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо аз сатҳу раванди муносибатҳои ҳар ду кишвар ва аз ҷараёни рушди устувори онҳо изҳори қаноатмандӣ карданд.

Афзоиши мубодилаи мол, тавсеаи сохтори тиҷорати мутақобила ва ҷалби бештари сармоягузорони Қатар ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон амри зарурӣ шуморида шуд.

Тоҷикистон, дар баробари таъйиди таҷрибаи неки муштарак, алоқамандиро ба тавсеаи ҳамкориҳояш бо Қатар дар соҳаи сармоягузорӣ иброз дошт.

Қобили зикр аст, ки дар ин самти шарикӣ ҳар ду кишвар ҳанӯз имкониятҳои васеъ доранд ва истифодаи ҳар чӣ фаъоли онҳо ҷавобгӯи манфиатҳои тарафҳо мебошад. Татбиқи марҳилаи аввали лоиҳаи маҷмааи «Диёри Душанбе» аз ҷониби ширкати «Диёр»-и Қатар намунаи ҳамкориҳои самараноки ҳар ду кишвар дар ин ҷода арзёбӣ гардид.

Истифода аз имкониятҳои фаровон дар соҳаҳои энергетика, бахшҳои гуногуни саноат, бахусус саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан, металлургияи сиёҳу ранга, кишоварзӣ ва сайёҳӣ,барои ҳар ду кишвар судманд номида шуд.

Мавҷудияти имкониятҳои васеи ҳамкориҳои судманду дарозмуддати байни ҳар ду кишвар барои таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ, бахусус оби нӯшокӣ ва меваҷоту сабзавоти хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза, низ мавриди музокира қарор гирифт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ба масъалаи баргузории форумҳои соҳибкорӣ ва намоишгоҳи молу маҳсулоти ҳар ду кишвар дар қаламрави ҳамдигар ва ба фаъолияти самарабахши Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Дар мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ҷонибҳо оид ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ, ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоӣ миёни ҳар ду кишвар, имконияти густариши робитаҳои фарҳангиву башарӣ, бахусус дар арсаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ, ибрози назар карданд.

Ба ҷониби Қатар барои кумаки беғаразона дар бунёди Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе сипоси самимии мардуми Тоҷикистон расонида шуд.

Дар музокирот мавзӯъҳои умдаи минтақавию байналмилалӣ ва масъалаҳои рушду таҳкими минбаъдаи шарикии ҷонибҳо дар доираи сохторҳои бисёрҷониба - дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ба Давлати Қатар барои дастгирии доимии иқдомоти глобалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, аз ҷумла ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» изҳори миннатдорӣ шуд.

Дар фарҷоми мулоқот Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон, ки бори аввал дар даври ниҳоии Ҷоми футболи Осиё ширкат меварзад, муваффақият орзу карданд. Мавриди зикр аст, ки Ҷоми футболи Осиё моҳҳои январ-феврали соли 2024 дар пойтахти Давлати Қатар баргузор мегардад.

**Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**

Аз рӯйи натиҷаҳои музокирот 15 санади нав ба имзо расид:

- Ёддошти тафоҳум байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрдории Давҳаи Давлати Қатар оид ба истиқрори муносибатҳои бародаршаҳрӣ;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба мутақобилан бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ;
- Ёддошти тафоҳум дар соҳаи савдо байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорат ва саноати Давлати Қатар;
- Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти стандартизатсия ва метрологияи Давлати Қатар;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи олами ҳайвоноти ваҳшӣ ва муҳити зисти табиии он;
- Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмон ва инфрасохтор байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва чорабиниҳои тиҷоратӣ;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҷавонон;
- Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкории ҳарбӣ;
- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати авқоф ва корҳои исломии Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи авқоф ва корҳои исломӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнати Давлати Қатар;
- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Давлати Қатар барои солҳои 2023-2025.

**Дар доираи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид.**



Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ин иншооти муҳими маънавиро ифтитоҳ карданд.

Пас аз маросими расмии ифтитоҳи масҷид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ бо шоҳкории меъмории миллии тоҷикона ва шароит барои намозгузорон дар он шинос шуданд.

Баъд аз шиносоӣ сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ба сифати корҳои анҷомдодашуда, ки бо риояи суннатҳо ва нозукиҳои меъмории миллӣ иҷро шуда, таҷассумгари омезиши моҳиронаи арзишҳои миллӣ ва суннатҳои динӣ мебошанд, баҳои баланд доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ барои саҳмгузорӣ дар бунёди ин шоҳкорӣ изҳори сипос намуда, татбиқи лоиҳаро намунаи олии ҳамкории ҳар ду давлат арзёбӣ карданд.

Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ба номи Имоми Аъзам - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит гузошта шавад.

Ёдовар мешавем, ки 5 октябри соли 2009, зимни бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии ӯ бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва олимону сиёсатмадорони воломақоми кишварҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Бояд гуфт, ки баъд аз гузоштани санги асоси бунёди иншоот мутахассисони варзидаи соҳа аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар пас аз омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба лоиҳаи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанберо таҳия карданд.

5 октябри соли 2011 корҳои сохтмони иншоот оғоз гардиданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷойи бунёди масҷиди ҷомеъ ташриф оварда, дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита ширкат варзиданд.

Масҷид дар 12 гектар, ки бинои масҷид дар 3 гектари он ҷойгир шудааст ва дорои 3 даромадгоҳи калон мебошад, бунёд гардида, имконияти ғунҷоиши 133 ҳазор намозгузорро дар як вақт дорад, ки аз ин шумора 43 ҳазор намозгузор дар дохили масҷид ва боқимонда дар гирду атрофи он ҷой мегиранд.

Масоҳати ошёнаи якуми бино, 18444 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дохили толорҳо бо 14000 метри мураббаъ қолини истеҳсоли ватанӣ қолинпӯш гардида, дар қисмати ҷанубу ғарби толори намозгузории калон меҳроб ҷойгир шудааст.

Масҷид аз 4 манора бо баландии 74 метр, ду манораи хурди ороишӣ бо баландии 21 метр, гунбази зебову мунаққаши калон бо баландии 43 метр ва 17 гунбази хурд бо баландии 35 метр иборат мебошад.

Дар дохили масҷид 6 синфхонаи барҳаво, толори қабули меҳмонон ва гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо, 2 китобхона, 9 ҳуҷраи корӣ, 3 меҳмонхона ва ҳуҷраҳои техникӣ ҷойгир шудааст.

Намои берунаи бинои иншоот 62393 метри мураббаъро ташкил дода, 33963 метри мураббаъ бо мармари сафед оро ёфтааст.

Дар гирду атрофи иншоот дар масофаи 92000 метри мураббаъ корҳои кабудизоркунӣ гузаронида шуда, дар ду тарафи даромадгоҳ таваққуфгоҳ барои 500 воситаи нақлиёт бунёд гардидааст.

Барои ороиши масҷид 6630 метри мукааб кошин ва 2800 метри мукааб мармари сиёҳ истифода шудааст. Саҳни ҳавлии дохили бино аз 4800 метри мураббаъ ва фаввора иборат буда, дар он ҷо дар як вақт 8000 намозгузор ҷой гирифта метавонад. Дар маҷмӯъ, масҷид дорои 178 дар мебошад, ки 40 адади он аз чӯби чормағз омода гардидааст.

Қобили таъкид аст, ки бо маслиҳатҳои мушаххас ва завқи баланди зебоипарастии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лоиҳаи сохтмони ин иншооти бузург тарҳу усулҳои меъмории бостонии тоҷикӣ, нақшу нигори деворҳо, гунбазҳо, сутунҳову даромадгоҳҳо ва дигар корҳои ороиши дохилу атрофи масҷид ба эътибор гирифта шудааст.

Ин на танҳо як масҷид, балки пойгоҳи замонавии фарҳангу таърихи исломӣ буда, толорҳои он тавре бунёд шудаанд, ки дар онҳо чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ ва ҳамоишҳои сатҳу зинаҳои гуногун гузаронида мешаванд.

Дар ин иншоот, корҳои сохтмону васлгарӣ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ - пудратчии асосӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи «СТС-Иншоот» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сомон таҷҳизот» анҷом ёфта, дар давраи бунёди он беш аз 1000 бинокори маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Бояд гуфт, ки бо пешниҳод ва иштироки Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон 30 майи соли 2018 дар паҳлуи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон оғоз гардид.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон барои 1500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардидааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**(Идома аз саҳ. 1)**



# САФАРИ ДАВЛАТИИ АМИРИ ДАВЛАТИ ҚАТАР БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бунёди Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи исломии Тоҷикистон гувоҳи равшани сиёсати Пешвои миллат ва давлати Тоҷикистон доир ба дин, озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин мебошад.

Ҳамчунин, таъкид бояд кард, ки пуштибонии пайваста аз номи поки дини мубини ислом дар арсаи минтақа ва ҷаҳон, ба забони тоҷикӣ нашр кардану дастраси мардум гардонидани «Қуръон»-и карим ва дар сатҳи милливу байналмилалӣ таҷлил намудани 1310-солагии асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит – Имоми Аъзам аз ҷумлаи хизматҳои шоёни Роҳбари давлати мо мебошанд, ки ӯро ба шаъну эътибори баланд дар ҷаҳони ислом расонидаанд. Ҳамин аст, ки номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба феҳристи 500 мусулмони соҳибнуфузи олам шомил гардидааст.

Қобили зикри хос аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо инояту меҳрубонии Парвардигори олам чор маротиба зиёрати Хонаи Каъбаву равзаи Пайғамбари ислом (с.а.в)-ро ба анҷом расонида, ду бор ба дохили Каъбатуллоҳ ворид шудаанд.

**8 - уми июни соли равон дар идомаи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ аз мавзеъҳои зебову дилфиребиқ ароргоҳи берунаазшаҳрии «Такоб» сурат гирифт.**

Ҳадаф аз баргузор кардани сайругашт дар мавзеи хушбоду ҳавои «Такоб» муаррифии меҳмоннавозии тоҷикона ва шиносоӣ бо табиати сарзамини ганҷхези Тоҷикистон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар як гӯшаи сарзамини бостонӣ ва мавзеъҳои дилфиребиС сайёҳии кишварро муаррифӣ карданд.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ дар мавзеъҳои зебои ноҳияи Варзоб гаштугузор ва суҳбати озоди дӯстона намуда, аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони офтобӣ ҳаловат бурданд.

Бояд гуфт, ки бо шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муаррифии кишвари зебову ҳамешабаҳор аз минбарҳои олии ташкилоту созмонҳои бонуфуз ҷомеаи ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон ва табиати зебо, меҳмоннавозии анъанавии тоҷикона ва неъматҳои моддии сарзамини аҷдодии мо аз наздик шинос ҳастанд.

Табиати биҳиштосои Тоҷикистон бо дарёву чашмаҳои обаш мусаффо, кӯҳҳои сарбафалаккашида ва манзараҳои нотакрораш диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд.

Сайругашти меҳмони олимақом дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт.

Меҳмони олиқадр Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ баъд аз тамошои табиати нотакрори қароргоҳи берунаазшаҳрии «Такоб» аз манзараҳои дилкашу обҳои мусаффо ва ҳавои тоза таассуроти нек бардоштанд.

**www.president.tj**

---

**«Дар таърихномаи ҳар миллат саҳифаҳои сабақомӯз ва пурарзише ҳастанд, ки аз иқдоми нек ва хирадмандона ба нафъи халқу Ватан башорат медиҳанд ва барои наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд».**

*Эмомалӣ РАҲМОН, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ТАҲКИМБАХШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Баъд аз 1100 соли суқути давлати абарқудрату паҳновари Сомониён, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон беназир аст, бахт ба рӯйи миллати тоҷик хандид. Ба қавле, бе инқилобу хунрезӣ, ҳамчун ҳадяи Худованд ба миллати тамаддунофари мо истиқлолияти давлатӣ насиб гардид. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон бо номи Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлол арзи ҳастӣ кард ва ормонҳои ҳазорсолаи фарзонафарзандони сарсупурдаи миллати тамаддунофару таърихӣ ҷомаи амал пӯшид. Дигар халқу миллатҳои собиқ давлати пуриқтидори Иттиҳоди Шӯравӣ, ки истиқлолияти комил ба даст оварданд, бо шодиву нишот пайи ободиву пешрафт талош мекарданд. Мутаассифона, халқи тоҷик ба ҷои шодиву нишот ва талош барои ободии Ватан ба гирдоби дасисаву фитнаҳои хориҷиён ва мансабталошони дохилӣ фурӯ рафт.**

Мардум дар пойтахти мамлакат ба ду майдон ҷудо шуда, ақидаҳои мухолиф доштанд, ки боис ба мураккаб шудани вазъи сиёсӣ гардид. Аркоми давлатдорию сохти конститутсионӣ фалаҷ шуда, мақомоти давлатӣ ваколатҳояшро амалӣ карда натавонист. Нофаҳмӣ дар байни намояндагони ҳар ду майдон торафт зиёдтар шуда, кинаву адоват аланга гирифт. Яке «вовчик» ва дигаре «юрчик» лақабгузорӣ шуданд.

Оид ба вазъи ҳамонвақтаи давлати тозаистиқлоли тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои суханронӣ ба муносибати 25-умин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ гуфтанд: «Андешаву мафкураи халқ амалан ду тақсим шуда буд ва ҷавонони бетаҷрибаву гирифтори эҳсосот бо дастури хоҷагони дохиливу хориҷии хеш ба майдонҳо баромада, вазъиятро боз ҳам мураккаб месохтанд. Яъне, дар кишвар ба ҷои қонун ва низому тартибот бенизомиву бесарусомонӣ ҳукмрон буд. Тамоми шохаҳои ҳокимият - аз мақомоти марказӣ то зинаҳои маҳаллӣ аз фаъолият бозмонда, бисёре аз роҳбарони онвақта дар чунин шароити ҳассос иродаи сиёсӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва азму ҷасорати роҳнамоӣ кардани мардумро аз даст дода буданд».

Мунокишаҳои сиёсӣ оқибат ба муборизаҳои мусаллаҳона табдил ёфтанд. Бархе аз минтақаҳои кишвар ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуданд. Авзои сиёсии пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе торафт ноамн мегашт. Мақомоти давлатӣ барои ҷорӣ намудани тартибот нотавонтар мешуданд. Аз миёни ҳар ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф шахсияте пайдо нашуд, ки мардумро ба сулҳу салоҳ ва бо роҳи осоишта ҳал намудани моҷаро даъват кунад. Ба гуфти шоири ваҳдатсаро Ҷумъа Қуввват:

**Дар Душанбе ҷову имконе набуд,**
**Аз ду майдон марди майдоне набуд.**
**Роҳ бар сӯи Душанбе банд буд,**
**Охирин умед бар Хуҷанд буд.**

Бо дарки масъулияти бузурги таърихӣ - наҷоти миллату давлати ҷавони тоҷикон аз фаношавӣ, вакилони ҳамонвақтаи Шӯрои Олии мамлакат ба хулоса омаданд, ки Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро дар шаҳри Душанбе баргузор нанамоянд. Бо кӯшишу талошҳои пайгиронаи онҳо ҳамин тавр ҳам шуд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, дар шароити ниҳоят ҳассос доир гардида, бо душворӣ бошад ҳам, он вазифаҳои таърихиро анҷом дод. Аз ҷумла, зимни он фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори Шӯрои Олӣ аз 19-уми ноябри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид, ки он рӯзро мебояд ҳамеша чун рӯзи наҷоти миллат арҷгузорӣ намоем.

Дар меҳвари нахустин суханронию талошҳои пайгиронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу оштӣ, васлу тавҳид, ҷустуҷӯи роҳҳои ободии Ватан, сарҷамъии миллат ва амсоли инҳо қарор гирифтанд ва як моҳ пас аз интихоб шудан ба вазифаи Сарвари давлат дар муроҷиатнома ба мардуми кишвар, аз ҷумла изҳор доштанд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона хизмат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷоннисорӣ мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам боварӣ дорам». Ин ҳолатро низ шоир Ҷумъа Қуввват ба гунаи зер тасвир кардааст:

**Рафт бар минбар чу як ҳикматнигор,**
**Сулҳпарвар, чорагар, ваҳдатшиор.**
**Гуфт: -Эй халқи гирифтори ситам,**
**Эй сар омад оқибат кори ситам.**

Муҳим он аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қавлашон содиқ монда, бо заҳмату талош ва ҷоннисориҳои бесобиқа Тоҷикистони азизро аз вартаи ҷанг берун кашида, ба кишвари шукуфону рӯ ба тараққӣ табдил доданд. Аз ин лиҳоз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақдирсоз ва наҷотбахши давлату миллати тоҷикон меноманд. Мардуми кишвар ҳоло аз доштани давлати соҳибистиқлол шукрона ва аз Сарвари хирадманду сулҳофари худ ифтихор мекунанд.

Бегуфтугӯ, пойдориву таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи комил дар Тоҷикистони маҳбубамон натиҷаи заҳмату талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Маҳз меҳру муҳаббати самимии Пешвои миллат ба Ватан ва худшиносию худогоҳии миллати фарҳангсолорамон боис шуд, ки ҳисси ватандӯстиву худогоҳии халқи кишвар боло рафта, ин раванд хусусияти устувор ва бебозгашт касб намояд.

Ваҳдат ва худшиносии миллӣ барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ заминаҳои устувор гузошта, давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хоса касб ва низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мустақилона пеш бурда истодааст.

Самараи ваҳдати миллӣ ва тарғиби пайвастаи ғояҳои он буд, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба марҳилаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, гузоштани заминаи устувор барои таъмини рушди иқтисодӣ, бунёди зерсохторҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, роҳу нақбҳо, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, зеристгоҳҳои барқӣ, рушди бомароми саноату кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ, бунёди даҳҳо ҳазор гектар боғу токзор номгӯи нопурраи дастовардҳои назарраси ин марҳила мебошанд.

Фаромӯш набояд кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳомии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳифзи ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, таъмини суботи сиёсию ҳамгироии ҷомеа, пойдориву бардавомии давлати демокративу ҳуқуқбунёд, қабули аввалин Конститутсияи давлати мустақил, такмили заминаҳои ҳуқуқии кишвар ва таъсиси низоми самарабахши мақомоти ҳокимияти давлатӣ саҳми беандоза дошта, Тоҷикистонро ҳамчун кишвари сулҳпарвар дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд. Пойдории сулҳу субот ба рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва сиёсию ҳуқуқии мамлакат мусоидат намуда, обрӯ ва нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯз аз рӯз дар арсаи байналмилалӣ боло гардад ва давлати мо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Ба шарофати сулҳу субот ва иродаи қавии мардуми шарифи мамлакат дар муддати кӯтоҳ рушди муназзами иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии кишвар таъмин гардид. Дар он рӯзҳои сахту сангин яқин буд, ки идомаи ҷанги шаҳрвандӣ метавонад боис ба пароканда шудани миллат ва барҳам хӯрдани давлати ҷавони тоҷикон гардад.

Бинобар ин, халқи тамаддунофар ва меҳнаткаши ҷумҳурӣ бояд, ки барои устувор нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ, ки хеле бо ҷонфидоӣ ба даст омадааст, тамоми неру ва маҳоратро барои саҳмгузорӣ дар татбиқи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба харҷ диҳанд.

**Фотеҳ ҚУВВАТЗОДА,**
**судяи Суди конститутсионӣ**

---

*Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Дар ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, ки 8-уми июни соли 2023 таҳти раёсати раиси кумита Раҳмон Дилшод доир гардид,** 17 масъала, аз он 14 қонун, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар қонунҳо, инчунин, пешниҳодҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод, дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Левакант ва номгузорӣ намудани он ба Сарбанд ва оид ба таъсис додани шаҳраки нав дар ҳудуди деҳоти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номгузорӣ намудани он ба шаҳраки Заҳматобод ва иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Восеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Масъалаҳои зикршударо раиси кумита Раҳмон Дилшод, аъзои кумита Раҳимҷон Муқимӣ, Фирӯза Мӯъминова ва Мадина Набизода шарҳу тавзеҳ дода, андешаҳояшонро иброз намуданд. Сипас, хулосаҳо қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.



**Ҳаштуми июни соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлументӣ Фарҳод Раҳимӣ ҷаласа доир шуд.**

Аъзои кумита се масъала - «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Левакант ва номгузорӣ намудани он ба Сарбанд», «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани шаҳраки нав дар ҳудуди деҳоти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва номгузорӣ намудани он ба шаҳраки Заҳматобод, инчунин, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Восеи вилояти Хатлон» ва «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод» - ро баррасӣ намуданд.

Сипас, хулосаҳои кумита доир ба масъалаҳои баррасишуда дар алоҳидагӣ қабул ва ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.



**Ҳафтуми июни соли ҷорӣ дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология таҳти раёсати муовини раиси кумита Лола Одилбекова ҷаласа доир гашт.**

Дар ҷаласа ду масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» баррасӣ шуд.

Дар охир хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод шуданд.



**Нуҳуми июни соли равон ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон доир гардид.**

Аз сухани ифтитоҳии раиси кумита Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ маълум гардид, ки рӯзномаи ҷаласа аз як масъала- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» таркиб ёфтааст. Дар идома номбурда моҳияти масъалаи мавриди баррасӣ ва зарурати ин иқдомро муфассал шарҳу тавзеҳ дод.

Аъзои кумита Д. Одилзода ва К. Ҳакимова низ оид ба қонуни зикршуда андешаҳояшонро баён ва онро ҷонибдорӣ намуданд.

Дар фарҷом хулосаи кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

**Далер АБДУЛЛО, Сайфиддин СУННАТӢ, Фарзона ФАЙЗАЛӢ, Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум». Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ

# ҶАҲОНИ ОДАМИЯТ

*Ҳаявон хабар надорад*
*зи ҷаҳони одамият.*
(Саъдии Шерозӣ)

**Насри муосири тоҷик дар замони истиқлолияти давлатӣ аз лиҳози шакл ва мундариҷаву муҳтаво хеле рушд карда, дар пешрафти он баробари нависандагони куҳансол адибони ҷавон низ саҳмгузоранд.**

Яъне, онҳое, ки охири солҳои 80 ва ибтидои соли 90-уми асри гузашта ба майдони адабиёт омаданд ва қисмати бештари фаъолияти эҷодиашон мусодиф ба замони соҳибистиқлолӣ аст. Яке аз онҳо Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод мебошад, ки аз мактаби рӯзноманигорӣ вориди адабиёт шуда, дар таҳаввули насри муосири тоҷик саҳми бориз дорад.

Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод ниёз ба муаррифӣ надорад. Хонандагони тоҷик ӯро ҳам ба сифати рӯзноманигор ва ҳам нависандаи чирадаст хуб мешиносанд ва накди адабӣ низ ба чакидаҳои хомаи ӯ баҳои сазовор додааст. Беш аз чил сол аст, ки дар соҳаи рӯзноманигорӣ ва дар арсаи наср фаъолият дорад. Муаллифи як силсила мақолаҳои публитсистӣ, чандин маҷмӯаҳои насрӣ ва филмҳои мустанад аст. Маҷмӯаи ҳикоя ва очерку қиссаҳои таърихии «Фидоиёни роҳи озодӣ», «Парастуҳои саҳна», «Боздид», «Чакомаи шоҳи ирфон», «Бозгашти аспи даҳмарда», «Офтобо, ба ғуруб марав…», «Гулхани сабз», «Дарёдилеву соҳиле…», «Ҳадиси ватандорӣ» (ба 7 забон) аз ҷумлаи навиштаҳои ӯянд, ки хонандагон хуш пазируфтанд. Мавсуф дар тарҷума низ қувва озмуда, намунаи осори адибони сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ион Лука Караҷели, Л. Толстой, А.П. Чехов, В. Распутин, В. Шукшин ва Ю. Артамоновро ба тоҷикӣ тарҷума намудааст.

Маҷмӯаи тозаи нависанда, ки мавриди назари мост, зери унвони «Чароғи ҳидоят» нашр шуда, аз қисса бо номи «Чароғи ҳидоят» ва ёздаҳ ҳикоя иборат мебошад. Унвони маҷмӯа баргирифта аз номи қисса аст, зеро маҳз қиссаи «Чароғи ҳидоят» қисмати асосии онро ташкил медиҳад. Қисса ба корномаи марди фидоии роҳи мактабу маориф дар вилояти Хатлон устод Самад Фаттоев бахшида шуда, аз лиҳози муҳтаво очерки шарҳиҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дарвоқеъ, Ҳасанзод аз зумраи он нависандагони пуркор аст, ки эҷодиёташ аз лиҳози фарогирии мавзӯъ, алалхусус тасвири бадеии воқеият, муаррифии фарзандони фарзонаи миллат, шиносондани ҷомеа бо дирӯзу имрӯзи таърихи миллат қобили таваҷҷуҳ аст.

Бояд зикр кард, ки мавзӯю мундариҷаи маҷмӯаро тасвири сарнавишти инсон, масоили ахлоқ ва хусусан муаммои одамият ташкил медиҳад. Адиб сарнавишт ва корномаи инсонҳоеро ба тасвири бадеӣ мекашад, ки кору пайкор ва ахлоқи ҳамидаи онҳо намунаи ибрати дигарон буда метавонад. Ҳам қисса ва ҳам ҳикояҳо ба ҳаёти мардуми деҳот ихтисос доранд ва




образҳои бадеӣ низ аслан деҳотианд. Дар қисса ва ҳикояҳои ин маҷмӯа як нигоҳи тоза, тасвироти дилчасп, нуқтаи назари ҷавобгӯ ба талаботи замон ба назар мерасад. Ҳадафи нависанда бо диди тоза тасвир намудани замири инсони одист, ки орзую омоли воло дорад.

Мавзӯъ ва муҳтавои қисса ва ҳикоёти Ҳасанзод тасвири зиндагонии мардуми деҳот, арҷ гузоштани онҳо ба суннатҳои миллӣ, риояи оини ҷавонмардӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Образҳои офаридаи ӯ фидоиёни роҳи озодӣ, пешбарандаи ҷомеа, мубоизони ҷодаи адолату ҳақиқатанд. Симои марди деҳот бо тамоми ҳастиаш, яъне бо ҳамон ғуруру ҳиммати ҷавонмардӣ, мардонагӣ, дур будан аз ҳама гуна фиребу найранг ва дар айни замон содагиву зудбовариаш таҷассум ёфтааст.

Таблиғи ахлоқи пок дар эҷодиёти қаҳрамони матлаб яке аз масъалаҳои умдатарин ба назар мерасад. Нависанда дар қисса ва ҳикоёташ василаи образи инсонҳои одии деҳотро дар меҳвари тасвир мегузорад. Қаҳрамонҳои мусбати ӯ дур аз ҳама гуна разолат ва фиребу найранганд. Аслан зиндагӣ дар деҳоту кӯҳистон инсонро бозтоб медиҳад ва марди деҳотӣ аз кӯдакӣ бо сахтиҳои рӯзгор ошност. Вале сиришти инсон оганда аз хайру шар аст, аз ин ҷост, ки дар деҳ низ инсонҳои шайтонсират ёфт мешаванд. Ҳамин гуна образҳои пуртазод дар қисса ва ҳикояҳои китоби Ҳасанзод ба назар мерасанд.

Қиссаи «Чароғи ҳидоят» дар ин маҷмӯа мақоми хосса дошта, нависанда ба таърихи миллат, хосса маорифи он, дар солҳои пурҳаводис аз мавқеи дигар назар кардааст. Баррасии арзиши эстетикӣ ва бадеии қиссаи ӯ аз дидгоҳи нав аст. Дар симои қаҳрамони асосии асар - Самад Фаттоев адиб як давраи тақдирсози таърихи халқи тоҷик, зиндагии мардуми деҳотро дар даврони пурошӯби Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз он ба тасвир овардааст. Дидгоҳи нависанда, таҳлили воқеаҳо ва камбудии рӯзгори он замон тавассути образи асосӣ сурат мегирад, ки фидоии роҳи мактабу маориф ва ҷӯяндаи ҳақиқату адолат аст. Ҷавҳари асосии қиссаро тарғиби илму хирад, ободкорию созандагӣ, сахову ҷавонмардӣ ва дар умум одамият ташкил медиҳад. Бунёди ҷомеаи инсонӣ на ба сарвату боди такаббуру салватрониҳои шахсони худхоҳу гумроҳ, балки ба рафтору кирдори мардони боҳиммат ва созанда устувор аст. Фалсафаи қиссаи «Чароғи ҳидоят» ҳамин аст, ки инсон дар ҳама гуна муҳит бояд ба ду чиз шуғл варзад: ҳифзи асолати инсонӣ ва созандагӣ барои бақои саодати ду ҷаҳон. Ин тарзи тафаккур такя ба рисолати инсон дорад, ки аз суннатҳои ахлоқии миллати тоҷик сарчашма мегирад.

Ҳамин гуна андеша дар мавриди масъалаҳои одаму одамгарӣ, сахову ҷавонмардӣ, меҳру муҳаббати пайванд, донистани ҳаққи ҳамсоя, поси намаки диёр, меҳри падарию фарзандӣ, оқибати сабуксорию хиёнат, дурӯғу найранг ва монанди инҳо дар ҳикояҳои «Хамгаҳи кафтарон», «Санги сабук», «Тӯй барпо нашуд», «Агент», «Ба дидори офтоб зор», «Бачаи шайтон» матраҳ шудаанд, ки аҳамияти тарбиявию эстетикӣ доранд.

Забони асарҳои нависанда фасеҳ ва саршор аз калимоти ноби тоҷикианд, ки мутаассифона, имрӯз аз истифодаи аҳли қалам берун монда, дар шеваи гуфтугӯии мардум маҳфуз мондаанд. Хидмати нависанда дар эҳё гардонидани ин гуна калимаву таркиб ва ибораҳо қобили таҳсин аст. Калимоте монанди ковок (субҳ ковок нашуда…), наҳтутӣ (баъд ӯ наҳтутиро нагирифтӣ?), соғу (соғуи трактор), нӯшханд (мард нӯшханд зад), нуқ (аз тарси ҷон касе ба ӯ нуқ намегӯяд) аз он ҷумлаанд, ки ҳаққи истифода ва корбурдро дар асари бадеӣ доранд. Адиб барои офариниши образҳои асар, тасвири оину суннатҳои миллӣ ва дар умум барои саҳеҳии тасвир аз дурдонаҳои гӯйиши мардумӣ истифода мебарад, ки навиштаҳояшро ҷилои тоза додаанд.

Аз мутолиаи қиссаву ҳикоёти маҷмӯа бармеояд, ки адиб ҳамон вожаву таркиб ва ибораҳои мардумиро бармегузинад, ки хоси маҳалу макони вуқӯи воқеаву ҳодисаи мавриди тасвир аст. Чунин тарзи бархӯрди нависанда бо дурдонаҳои гӯйиши мардумӣ имкон медиҳад, ки забони адабӣ бо калимоти хушоҳанги тоҷикӣ ғанӣ гардад ва теъдоди калимоти дурушти иқтибосии бегона камтар мавриди истифода қарор бигирад.

Ҷанбаи дигаре, ки дар ин маҷмӯа диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад, корбурди калимоту таркиботи ҳамвазну ҳамоҳанг, ки ба сухани персонажҳо савти мусиқӣ бахшида, салосату балоғати суханро таҳким бахшидааст. Аз ҷумла: «Ёр бигир, дида бигир, дар дилат армон намона. Гул бичин, тоза бичин, доғи чамансор намона»; «Махлуқи Худост, дардаш бедавост, аз ёрон ҷудост»; «Вой, бобӣ Маҳманабӣ, банди эзорат канабӣ. Кайҳо хара ҷул задаӣ, пордум таи дум задаӣ. Дар пушти хар зин задаӣ, хурҷин болои зин задаӣ, нӯхта ба фукаш бастаӣ, узангу бар зин задаӣ. Ӯҳ, бобӣ Маҳманабӣ, в-аллоҳ, ки соҳибназарӣ....». Ҳамчунин, корбурди байту пораҳои шеърии бамавқеъ дар раванди тасвири воқеаҳои қиссаву ҳикояҳо аз диди романтикию лирикии нависанда гувоҳӣ медиҳанд.

Дар қисса ва ёздаҳ ҳикояи ин маҷмӯа масъалаҳое матраҳ шудаанд, ки имрӯз низ аз масоили доғи рӯз буда, мавриди баҳсу мунозираи донишмандон аст. Дар ҳикояҳои Сипеҳри Ҳасанзод қаҳрамону персонажҳо синну соли гуногун доранд, нависанда аз забони мӯйсафедон, амалу рафтори калонсолон ва ба воситаи фаъолияти кӯдакон моҳияти масъаларо барои хонанда бозгӯӣ мекунад. Агар дар ҳикояи «Хамгаҳи кафтарон» мушкилоти зиндагии деҳотиён дар зимистон бо воситаи инсонҳои баркамол баррасӣ шуда бошад, дар ҳикояи «Кӯдак ва парвона» пайванди инсону табиат ба туфайли образи писараку парвона матраҳ мешавад. Дарвоқеъ, пайванди инсону табиат, ки яке аз масъалаи асосӣ ва баҳсталаби ҷаҳони имрӯз аст, дар чанд ҳикояи ин маҷмӯа мавриди корбаст қарор гирифтаанд. Ҳикояҳои «Кӯдак ва парвона», «Узри кабк», «Шикори уқоб» маҳз ба ин масъала ихтисос доранд. Ба таъкиди муаллиф, инсон ҳамон вақт хушбахту муваффақ буда метавонад, ки табиатро дӯст дорад ва бо вай дар муросо зиндагӣ намояд.

Хулоса, маҷмӯаи нави рӯзноманигор ва адиби тоҷик Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод «Чароғи ҳидоят» китоби хонданбоб буда, қисса ва ҳикоятҳои он дорои нуқтаи назари нав, услуби ҷадиди баёни мавзӯъ, тасвироти қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Итминони комил дорем, ки ҳайати ҳакамони раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон асарҳои ба мукофотҳо пешниҳодшударо ҷиддӣ баррасӣ ва таҳлил намуда, холисона баҳогузорӣ мекунанд. Аз назари мо, маҷмӯаи «Чароғи ҳидоят»-и Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ сазовор аст.

**М. С. ИМОМЗОДА,**
**академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор,**
**Ш. Р. ИСРОФИЛНИЁ,**
**ходими пешбари илми ИИТ ДМТ, доктори илми филология, профессор**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

11 - уми июли соли 2023 музоядаи № 5-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд

**- Бино ва иншооти давлатии дар ихтиёрдории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко - 47. Нархи ибтидоӣ - 127234 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73- 74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ОТЧЁТ О ФИНАНСОВОМ ПОЛОЖЕНИИ ОАО «ТАВХИДБАНК»

**ОТЧЕТ ОБ ИЗМЕНЕНИЯХ В КАПИТАЛЕ**
**ЗА ГОД, ЗАКОНЧИВШИЙСЯ 31 ДЕКАБРЯ 2022 Г.**
*(в тысячах таджикских сомони)*

| | Акционерный капитал | Избыток капитала | Общий резерв от прибыли | Резерв для будущих операций организации | Резерв на страхование | Резерв на непредвиденные обстоятельства | Нераспределенная прибыль / (накопленный убыток) | Итого: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Остаток на 31 декабря 2020** | **65,000** | **3,152** | **10,193** | **316** | **111** | **30** | **(8,812)** | **69,990** |
